201 A
Alisher Navoiy nomidagi O'zbekiston MK

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

8 январи соли 2020. Чоршанбе № 3 (14602)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ДАР СОҲАИ СОХТМОН ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНӢ ВАСЕЪ ҶОРӢ КАРДА ХОҲАНД ШУД

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 7 январ бахшида ба вазифаҳои устувори минбаъд тезондани ислоҳот дар соҳаи сохтмон ҷамъомад баргузор намуд.

Миқёси корҳои созандагӣ дар мамлакатамон сол аз сол васеъ мегарданд. Манзилҳои нав, заводҳои бузург, объектҳои замонавии инфрасохторӣ бунёд меёбанд. Барои хушсифат ва сари вақт иҷро намудани ин гуна корҳои калонҳаҷми сохтмон бинокорони соҳибихтисос ва лоиҳакашон, ташкилотҳои боэътимод бо захираҳои кофӣ лозиманд.

Дар ҷамъомад мушкилот ва камбудиҳои соҳаи сохтмон таҳти танқиди ҷиддӣ гирифта шуд. Масалан, дар Ӯзбекистон қариб 22 ҳазор ташкилоти сохтмониву пудратӣ мавҷуд буда, аксарияти онҳо оид ба шумора ва ихтисоси касбии кормандон ҳисобот пеш намебаранд.

Ба муҳлат ва сифати сохтмон фактҳои ба ихтиёри хидматҳои фармоишгари ягона дода шудани корҳо дар минтақаҳо таъсири ногувор мерасонанд. Дар таҷрибаи байналхалқӣ бехатарӣ, сифат ва натиҷаи ниҳоии сохтмон назорат карда шавад, дар мамлакати мо тамоми қуввову захираҳо ба назорати ҷараёни иншоот равона гардида, ба сифат эътибори дувумдараҷа дода мешавад.

Сарвари давлат бинобар барҳам додани камбудиҳо ва мувофиқи талаботи замонавӣ ривоҷ додани он чораҳои муҳим муайян намуд.

Супурда шуд, ки байни институтҳои лоиҳакашӣ рақобати солимро ташаккул дода, меъёрҳои дақиқи баргузор намудани тендерҳо дар асоси таҷрибаи хориҷӣ таҳия гардида, инчунин ба тариқи озмоиш дар шаҳри Тошканд низоми дахлдори электронӣ ҷорӣ карда шавад.

Ба вазоратҳои сохтмон, молия, адлия ва идораҳои дигари масъул супурда шуд, ки то 1 июли соли ҷорӣ услуби баҳогузориро таҳия намоянд ва рейтинги фаъолияти корхонаҳои сохтмониро тартиб диҳанд. Дар ин рейтинг чунин мезонҳо мисли шумора ва ихтисоси кормандон, ҳаҷми корҳои иҷрошуда, сари вақт пардохтани андоз ва пӯшондани қарзҳо тартиб дода мешаванд.

Зарурати такмил додани меъёр ва қоидаҳои шаҳрсозӣ, фаъолияти ташкилотҳои хидмати фармоишгари ягона таъкид гардид.

Дараҷаи пасти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар соҳа зикр гардид. Аз ҷумла, коркарди лоиҳаҳо, экспертиза, додани рухсатнома, назорати корҳои сохтмониву пудратӣ то ҳол дар коғаз иҷро карда мешаванд. Низоми геоиттилоотие, ки ба сармоягузорон ва соҳибкорон имкони интихоб намудани майдонро таҳти сохтмон фароҳам меорад, мавҷуд намебошад.

Ба ин муносибат ба зиммаи Вазорати сохтмон ва Вазорати оид ба рушди технологияҳои ахбор ва коммуникатсияҳо коркарди «харитаи роҳ» оид ба пурра рақамигардонии соҳа, ки бояд соли ҷорӣ амалӣ гардонда шавад, гузошта шуд.

Таъкид гардид, ки бар асари риоя нагардидан ба талаботи техникаи бехатарӣ, вуҷуд надоштани низоми «хавф-таҳлил» ва назорат ҳолатҳои нохуш рух медиҳанд. Ба вазорату идораҳои дахлдор оид ба куллан аз нав ташкил кардани назорати давлатӣ дар соҳаи сохтмон ва пурзӯр гардондани ҳифзи меҳнат супоришот дода шуданд.

Дар ҷамъомад ба масъалаҳои кадрӣ эътибори алоҳида дода шуд. Сарвари давлат таъкид намуд, ки низоми тайёр кардани мутахассисон барои соҳа ба талаботи имрӯз ҷавоб намедиҳад.

Ба зиммаи вазоратҳои меҳнат, сохтмон, инчунин таълими олӣ ва миёнаи махсус вазифаи ҷорӣ кардани таснифгари мутахассисони звенои миёна ва касби коргарони соҳа ва дар асоси он ба роҳ мондани тайёркунии сохтмончиён дар коллеҷҳо вазифа гузошта шуданд.

Зарурати навсозии барномаҳои таълимии ба соҳа алоқаманд дар асоси технологияҳои баланд ва муносибатҳои инноватсионӣ, ба кадрҳои оянда омӯзондани лоиҳакашии замонавӣ ва кор бо таъминоти барномавӣ, аз он ҷумла технологияи BIM (Building Information Modeling) таъкид гардид.

Роҳбарони масъул бинобар масъалаҳои дар ҷамъомад баррасигардида ҳисобот доданд ва чораҳои дахлдор муайян гардиданд.

ӮзА.

ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН САЗОВОРИ ҲОИЗАИ БАЙНАЛХАЛҚИИ «БАРОИ САҲМИ БУЗУРГ ДАР ЭҲЁИ ОЛАМИ ТУРК» ГАРДИД

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев сазовори Ҳоизаи байналхалқии «Барои саҳми бузург дар Эҳёи Олами турк» гардид, ки аз ҷониби Бунёди нависандагон, олимон ва арбобони санъати Олами турк (Türk Dünyasý Yazarlar ve Sanatçýlar Vakfý – TÜRKSAV) таъсис шудааст.

türksav
TÜRK DÜNYASI YAZARLAR VE SANATÇILAR VAKFI

Ин дар ҷараёни конфронси махсуси матбуоти TÜRKSAV, ки дар шаҳри Анқара ташкил шуд, эълон гардид.

Номи барандаи ҳоиза аз ҷониби комиссияи коллегиалии ҳакамоти TÜRKSAV дар асоси мониторинг ва дар соли 2019-ум омӯхтани фаъолияти сиёсатмадорони номдор, иқтисоддонҳо, намояндагони илму санъат дар Туркия ва дар хориҷа эълон карда шуд.

Маросими супурдани рамзи махсуси ҳоизаи TÜRKSAV моҳи майи соли 2020-ум дар Анқара дар вазъи тантанавӣ бо иштироки намояндагони парлумон, ҳукумат, ҷомеаҳо, доираҳои корчаллон ва арбобони санъати Туркия баргузор мегардад.

Тавре ки дар конфронси матбуот эълон шуд, қарор бино бар супурдани ҳоизаи мазкур ба сарвари Ӯзбекистон бо қарори ҳакамоти Ҳоизаи ҳарсола «барои хидматҳои бузург ва саҳми муҳими амалӣ дар бобати хеле мустаҳкам намудани робитаҳои сиёсӣ ва иқтисодии мамлакати худ бо олами беруна, Туркия ва кишварҳои Осиёи Марказӣ, ҳамчунин барои ба дараҷаи назаррас ҷоннок намудани ҳамкориҳои тарафайн дар Шӯрои ҳамкории давлатҳои туркзабон, ташаббусҳои нав дар Созмони мазкур, аз ҷумла «Пойтахти маданияти Олами турк дар соли 2020-ум эълон шудани шаҳри Хива» якдилона қабул гардид.

Нотиқоне, ки дар конфронси матбуот баромад карданд, ба тағйироти амиқе, ки дар Ӯзбекистон таҳти сарварии Президент Шавкат Мирзиёев дар тамоми соҳаҳои ҳаёт амалӣ мешаванд, баҳои баланд дода, бахусус фаъолияти муттасили ислоҳгарии сарвари мамлакат, кори самарабахш ва сифатҳои шахсии ӯро, ки дар қатъият ва ғайратнокиаш ҳангоми татбиқ сохтани роҳи стратегии рушди рӯзафзуни Ӯзбекистон – давлати муҳими Олами турк, ташаккул додани шароити мусоиди дохилӣ ва хориҷӣ барои шукуфоии нафақат кишвар ва халқи худ, балки тамоми Осиёи Марказӣ инъикос мегардад, таъкид намуданд.

Роҳбари TÜRKSAV Яҳё Энгин дар номи ҳозирон хоҳиш кард, ки ба роҳбари Ӯзбекистон «эҳтиромӣ амиқ, табрикоти таҳтидилонаро ҳамчун нишони хоксорона, вале самимонаи эътироф шудани хидматҳои бемисл ва таъриҳии ӯ дар назди Ӯзбекистон, Осиёи Марказӣ, Туркия ва умуман Олами турк» расонда шавад.

Ҳоизаи байналхалқии «Барои саҳми бузург дар рушди Олами турк» ва «Барои саҳми бузург дар Эҳёи Олами турк» ташаббуси Бунёди ҷамъиятии нависандагон, олимон ва арбобони санъати Олами турк (TÜRKSAV) ба шумор меравад.

TÜRKSAV Созмони ғайриҳукуматӣ ба шумор меравад, ки соли 1996-ум бо ташаббуси як гурӯҳ намояндагони зиёии Туркия ҳамчун ташкилоти ҷамъиятӣ таъсис ёфта буд. Раиси ифтихории TÜRKSAV дар замони худ нависандаи дар тамоми олам машҳур Чингиз Айтматов ҳамчун яке аз намояндагони дурахшони олами турк интихоб шуда буд. Раиси Шӯрои раёсати TÜRKSAV шоири турк Яҳё Энгин ба шумор меравад.

Мақсади асосии ҳоизаи байналхалқии TÜRKSAV ҷалб намудани эътибори ҷамъият ба фаъолияти самарабахши шахсиятҳои машҳури Олами турк, арҷгузорӣ ва ҳусни эҳтиром ба саҳмашон дар мустаҳкам кардан ва инкишоф додани тамаддуни турк ба шумор меравад.

Солҳои гуногун Президенти Туркия С.Демирел, Президенти Озарбойҷон Г.Алиев, Президенти Қазоқистон Н.Назарбоев, котиби генералии ТЮРКСОЙ Д.Касейнев ва арбобони дигар, ки дар байни онҳо аъзои фаъоли парлумонҳо, соҳибкорон, ходимони санъат аз кишварҳои олами турк ҳастанд, сазовори ин ҳоиза гардидаанд.

ОИ «Дунё»,
шаҳри АНҚАРА.

ДАР ИМА РОМАНИ АБДУЛЛО ҚОДИРӢ – «РӮЗГОРИ МОЗӢ» БА ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ЧОП ШУД

Тавре ки қаблан хабар дода шуда буд, романи «Рӯзгори мозӣ»-и нависандаи бузурги Ӯзбекистон Абдулло Қодирӣ, ки 125-солагии ӯ ба қарибӣ дар мамлакат ва миқёси байналхалқӣ васеъ ҷашн гирифта шуд, бори нахуст аз забони ӯзбекӣ ба англисӣ тарҷума шуд ва дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар шакли китоби алоҳида бо номи «Bygone days» нашр гардид.



27 декабри соли 2019 дар сафоратхонаи Ӯзбекистон дар ИМА рӯнамоии китоб ба забони англисӣ баргузор шуд. Нусхаҳои аввалини нашри нав ба намояндагони муассисаҳои давлатӣ, муассисаҳои таълими олии бонуфузи ИМА ва дипломатҳое, ки дар мамлакат номнавис гаштаанд, супурда шуд.

Нашри мазкур ба феҳрасти бузургтарин китобхонаи ИМА – Китобхонаи Конгресс дохил гаштааст. Китоб инчунин дар андозаи e-book нашр шудааст.

Асари маъруфро мутарҷим ва муҳаққиқи машҳури амрикӣ Марк Эдвард Риз баргардонд.

Марк Эдвард Риз соли 1969 дар Иёлати Аризонаи ИМА таваллуд ёфтааст. Донишгоҳи ба номи Ҷ.Вашингтонро аз рӯйи ихтисоси «Адабиёти халқҳои Урал, Қафқоз ва Осиёи Марказӣ» хатм намудааст. Солҳои 1994-1996 дар Ӯзбекистон чун ихтиёрии Ҳайати сулҳ кор карда, дар мактаби миёнаи шаҳри Қӯқанд аз забони англисӣ дарс гуфтааст. Директори Барномаи ҳамкории Департаменти давлатии ИМА оид ба Ӯзбекистон буд.

Марк Риз соли 2017 дар маҳаллаи Самарқанддарвозаи Тошканд дар хонае, ки Абдулло Қодирӣ зиндагӣ ва эҷод намудааст, буд ва дар ҳамин ҷо мероси эҷодии нависандаро омӯхт.

Мутарҷим беш аз понздаҳ сол болои маъруфтарин романи ӯ кор кард ва барои он, ки асари 660 саҳифа барои хонандаи амрикӣ фаҳмо бошад, ба он беш аз 400 эзоҳ ва шарҳ навишт.

Ҳоли ҳозир дар таснифи «панҷситорагӣ», ки онро хонанда муайян мекунад, роман баҳои баланд мегирад.

Марк Риз инчунин веб-сайти theuzbekmodernist.com-ро бо иловаи маълумоти муфассал дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Абдулло Қодирӣ, замон ва ҳамасрони ӯ, образҳои романи «Рӯзгори мозӣ» ба вучуд овард.

Ба қарибӣ ба номи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев китоби «Bygone days» ва мактуби Марк Риз расид. Дар поён матни ин мактуб нашр мешавад.

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

Аълоҳазрат ҷаноби Президент Шавкат Мирзиёев!

Ман ифтихормандам, ки ба Шумо пас аз бисту панҷ сол, баъд аз он ки кори худро дар Қӯқанди Ӯзбекистон, ки солҳои 1994-1996 ба сифати ихтиёрии Ҳайати сулҳ шуруъ намуда будам, нома ирсол менамоям. Кор дар мактаби муқаррарии ӯзбекӣ ба сифати муаллим оғози саёҳати бузург гардид, ки он ҳаёти маро беҳад ғанӣ сохта, нуқтаи олии он номаи мазкур мебошад, ки ба Шумо ирсол менамоям.

Ин воқеан чунин аст, зеро ҳамин ҳоло ман тарҷумаи романи Абдулло Қодирӣ «Рӯзгори мозӣ»-ро, ки дар Осиёи Марказӣ ва адабиёти ҷаҳон назир надорад, ба забони англисӣ ба поён расондам.

Омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Абдулло Қодирӣ барои ман таҷрибаи таълимӣ набуд. Тарҷумаи романи ӯ кӯшиши амиқи шахсӣ тақозо намуд, то ки нафақат қаҳрамонҳо ба матн ворид гарданд, балки нақле гардад, ки ҳаёти маро ташаккул дод. Хусусиятҳои адабии Отабек, Кумуш ва ё Ҳасан Алии дӯстдоштаи ман – инҳо на устухонбандии мавҳум, ки таҳлил мехоста бошанд. Ин шахсиятҳои муҳим дар образи одамоне инъикос ёфтаанд, ки бо онҳо ман дар Тошканд, Қӯқанд ва Вашингтон дар тамоми фаъолияти касбии худ зиндагӣ ва кор кардаам.

Ҳамин тариқ дар зарфи понздаҳ сол ман дар болои он кор кардам, ки нафақат хусусиятҳои забони нависанда, балки рӯҳияи миллиеро, ки дар мӯҳтавои асари ӯ ҷой доранд, касб намоям, ки барои он муаллиф бадарға шуда, соли 1938 вафот кардааст.

Соли 1994 маро ба Ӯзбекистон, ба хонаи худ даъват карда, беғаразона хеле меҳмондорӣ карданд. Онҳо маро чун одами худ ба ибодат ба масҷиди ҷумъаи Қӯқанд бурданд. Ман, хусусан зимни тарҷумаи адабиёти миллии онҳо ба забони англисӣ, аз онҳо хеле қарздорам ва нисбаташон эҳтиром эҳсос менамоям, ки инро онҳо шоистаанд.

Мисли ҳама корҳои бузург, тарҷумаи роман харҷи зиёди шахсӣ тақозо намуд. Барои ман тасаллӣ он аст, ки умед дорам як замон писарам китобро ба даст гирифта, меҳфаҳмад, ки падари ӯ зимни зиндагӣ дар рӯйи замин воқеан кори арзандаеро анҷом додааст. Ман медонам, ки Шумо, чун падар, ин эҳсосро дарк менамоед.

Инчунин бояд бигӯям, ки эътирофе, ки ман ба қарибӣ, ҳафтаи гузашта аз ҷониби сафир Ҷавлон Ваҳобов ва ходимони сафорати Ӯзбекистон сазовор гардидам, дар фаъолияти ман рӯйдоди муҳим гардид. Дар ҳузури на камтар аз 100 меҳмон аз Вашингтон рӯнамоии китоби ман баргузор гардид. Якҷоя бо сафир мо Ӯзбекистонро ба меҳмонон муаррифӣ кардем, ки онҳо меҳостанд ҳарчи бештар, хусусан дар бораи «манзара»-и адабии Ӯзбекистон маълумот дошта бошанд. Зимни суханронӣ ман таъкид кардам, ки муносибати байни ИМА ва Ӯзбекистон ҳамагӣ дар ду сол то чӣ андоза пеш рафтааст. Ман таъкид кардам: ба он боварӣ дорам, ки дар ислоҳоти ҷорӣ ҳаёти Қодирӣ идома дорад ва ғояҳои ӯ татбиқ мегарданд. Пас аз ин брифинг ҳазорҳо одамон дар шабакаҳои ичтимоӣ баҳои мусбат дода, онҳое, ки дар маросими рӯнамоӣ иштирок намуданд, бо ман тамос гирифтанд то ки дар бораи адабиёт ва маданияти Ӯзбекистон бештар маълумот дошта бошанд.

Равшан аст, ки ҳамаи шумо дар кори ҳаётан муҳим иштирок доред, ки барои ҷаҳони мо аҳамияти муҳим дошта, умед дорам, ки Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ин кӯшишот, хусусан зимни тарҷумаи дигар асарҳои Қодирӣ, тарбияи мутарҷимон аз забони ӯзбекӣ ва таҳияи лоиҳаҳои стратегӣ, ки мақсадҳои Ӯзбекистонро пеш мебаранд, ҳама гуна кӯмакро мерасонад.

Дар поёни мактуб, чун барои Шумо навиштани нома барои ман ифтихори бузург аст, рӯирост мегӯям: ташаккур. Ман аз хусусият ва сифатҳои пешвоии Шумо дар ҳайратам. Ман Ӯзбекистонро хуб медонам, ҳамсари ман аз Тошканд ва ман сайёҳ нестам. Сафарҳои шумо ба Қӯқанд ва Маргилон ба қарибӣ, ба вуҷуд овардани музейи Абдулло Қодирӣ ва ёдоварӣ аз асари ӯ «Рӯзгори мозӣ» дар партави ислоҳоти Шумо дар қалби ман акси садои амиқ дод. Ин ба ман мадад расонд то ки бифаҳмам, ки давраи имрӯзаи ислоҳот беҳтарин замони эътирофи эҷодиёти Абдулло Қодирӣ аст. Ман самимона умедворам, ки ин ҳусни оғози кори 25-солаи ман мегардад, ки бо Ватани дуюми ман алоқаманд аст!

Бо эҳтиром,

Марк Эдвард Риз,
27 декабри соли 2019.

Корхонаи хориҷии бисёрсоҳаи «Bukhara Cotton Textile Cluster», ки дар вилояти Бухоро фаъолият дорад, субъекти нодирест, ки ҷараёни ҳосили пахтаро бо усули кластер, аз рӯёндан то коркарди ҳамаҷониба дар бар мегирад.

Корхонаи муштараки ӯзбекистонию британиёӣ – «Bukhara Cotton Textile»-и маркази вилоят ба сифати ҳалқаи лоиҳаи охирину муҳими сохтори мазкур дорои аҳамият аст. Он наҳро дар заводи пахтатозакунии ҳамон ҷо аз пахтаи дар агрокластери «Bukhara Cotton Textile Cluster»-и ноҳияи Рометан расондадодашуда коркард мекунад. Дар айни ҳол дар «Bukhara Cotton Textile» 954 нафар коргар ва мутахассис меҳнат мекунанд. Аксарияти онҳо хатмкунандагони муассисаҳои таълими олӣ ва коллеҷҳои касбу ҳунари вилояти Бухороянд.

Дар акс: *дар корхонаи хориҷии бисёрсоҳаи «Bukhara Cotton Textile Cluster».*

Аксбардор: Тоҳир ИСТАДОВ (ӮзА).

АКСИ САДО

СОЛИ ИСЛОҲОТИ ВАСЕЪМИҚЁСИ ИҶТИМОИВУ ИҚТИСОДӢ

Муборакбодии солинавии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёевро ба халқи Ӯзбекистон ба воситаи «оинаи нилгун» тамошо карда хеле сарфароз гардидам. Чӣ хеле ки сарвари давлатамон таъкид намуд, дар ҳақиқат мо дар Соли сармоягузории фаъол ва рушди иҷтимоӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидем.

Баробари болоравии иқтидор ва имкониятҳои рақобатбардории кишварамон соҳа ва ҷанбаҳои пешқадами иқтисодии миллӣ инкишоф меёбад.

Деҳқонон ва фермерони кишварамон бо вуҷуди душвориҳои обу ҳаво, гармии аз ҳад баланди фасли тобистон ҳосили фаровон ба даст даровардаанд. Дар мамлакат бобати рушди тиҷорати хурд ва соҳибкории хусусӣ қулаиҳо фароҳам омад. Симои шаҳру деҳот торафт пурҷозибатар мегардад. Дар маркази вилоятамон шаҳри Бухоро ва ноҳияҳо ҷараёни бинокорию ободгардониҳо ба дараҷаи мислаш дидданашуда вусъат меёбад. Орзуи деринаи одамон бобати дастрасшавии манзил ҷомаи амал мепӯшад. Бобати таълиму тарбияи наврасон, васеъ намудани имкониятҳои мактабҳои олӣ, ғамхориҳо ба ҷавонон, ҳифзи таҳдурустии аҳолӣ шароити дилхоҳ фароҳам меояд. Соли гузашта дар ДДБ эҳё гардидани ҷуруҳи тоҷикии забон ва адабиёт ба ин мисоли оддӣ аст. Хуллас, соҳае нест, ки дар он дигаргунӣ ба амал наомада бошад. Интихоботи ба қарибӣ баамаломада дуруст будани роҳи пешгирифтаи мамлакати моро бори дигар исбот кард. Обрӯю эътибори Ватанамон дар арсаи байналхалқӣ беш аз пеш меафзояд. Чӣ хеле ки сарвари давлат гуфт: «Мо ба даврони муҳими рушди худ – давраи пешрафти миллӣ ворид мегардем» ва ислоҳоти васеъмиқёси иҷтимоиву иқтисодӣ, фароҳам овардани шароиту имкониятҳои боз қулайтар, инчунин ғамхориҳо баҳри зиндагии фаровон дар соли 2020 идома меёбад.

Солибой СОЛИЕВ,
Муаллими халқии Ӯзбекистон,
омӯзгори нафақагир,
ноҳияи Пешқӯи
вилояти Бухоро.

ДАВРИ НАВИ РУШДИ ПАРЛАМЕНТАРИЗМИ МИЛЛӢ

Муддати ваколати навбатии Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис ба охир расид. Палатаи поёнии парлумон, ки моҳи декабри соли 2014 интихоб шуда, аз моҳи январи соли 2015 ба фаъолият шурӯъ намудааст, дар тӯли панҷ соли сипаришуда ба рушди мамлакатамон ҳиссаи муносиб ҳамроҳ намуд. Хусусан, фаъолияташро дар тӯли се соли охир вобаста ба татбиқи ислоҳоти васеъмиқёси дар доираи "Стратегияи ҳаракат оид ба панҷ самти устувори рушди Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар солҳои 2017-2021"пешниҳодшуда амалӣ намуд.



Эътироф бояд кард, ки дар тӯли се соли охир накш ва ҷойгоҳи мақомоти олии қонунгузории мамлакатамон ба дараҷаи назаррас баланд гардида, дар фаъолияти он тағйироту навгониҳо рух додаанд. Хурсандиовар аст, ки роҳбари мамлакатамон ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти намояндагӣ, ки як порчаи низоми сиёсии мамлакатамонро ташкил медиҳад, эътибори калон дода, депутатҳоро ба сифати вакилони ҳақиқии халқ эътироф намуда, бо онҳо беист дар мулоқот мебошад.

Хусусан, мулоқоти таърихии Президент Шавкат Мирзиёевро бо аъзои палатаҳои Олий Маҷлис, намояндагони депутатҳои халқи Шӯроҳои маҳаллӣ, ки 12 июли соли 2017 баргузор гардид, алоҳида таъкид кардан ҳоиз аст. Дар маърӯзаи барномавии Президенти Ӯзбекистон барои парлумон ва мақомоти намояндагии ҳокимият роҳи нави сиёсӣ муайян карда шуд. Механизми нави куллан такмил додани мулоқоти вакилони халқ бо мардум пешниҳод гардид. Дар асоси ин механизм мулоқоти бевоситаи тамоми дараҷаҳои корпуси депутатӣ ба роҳ монда шуд. Ин бошад, дар пировард имкони ҳаллу фасл намудани мушкилоти гуногуни ичтимоиву иқтисодиро фароҳам оварад.

Ба ғайр аз ин, аз соли 2017 сар карда институти нави демократӣ – Муроҷиати Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҷорӣ гардид. Ин институти муҳим, ки пурра ба тачрибаи мамлакатҳои хориҷӣ мувофиқат мекунад, бешубҳа, нақшу ҷойгоҳи парлумонро дар ҳаёти мамлакат воқеан вусъат дода, дари имкониятҳои васеъро барои таъмин кардани ҳамҷиҳатии ичтимоии афзалияту вазифаҳои муҳими роҳи нави сиёсии рушди Ӯзбекистон боз намуд.

Вазифаҳои дар Муроҷиатномаҳои то ҳол ду маротиба ирсолгардидаи Президент Шавкат Мирзиёев ба Олий Маҷлис муайяншуда фаъолияти на танҳо Олий Маҷлис, балки тамоми корпуси депутатиро куллан тағйир дод. Вазифаҳои дар Муроҷиатномаҳои мазкур муайяншуда ба фаъолияти эҷод намудани қонун ва назорату таҳлили Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис шаклу усулҳои сифатан нав ҷорӣ кард.

Аз ҷумла, дар маҳалҳо механизмҳои амалӣ гардондани назорати парлумонӣ тағйир дода шуда, мулоқоти бевоситаи депутатҳо дар ҳавзаҳои интихобот бо интихобкунандагон ҳеле пурзӯр гардонда шуд. Танҳо дар солҳои 2017-2018 аз ҷониби депутатҳо ҳолати ҳақиқии 137 ноҳияву шаҳрҳои ҷумҳурӣ бевосита дар маҳалҳо омӯхта шуданд. Депутатҳо барои муайян намудани мушкилоте, ки шаҳрвандонро ба ташвиш мегузоранд, садди роҳи рушди соҳибкорӣ мегарданд, хона ба хона гашта, бо беш аз 400 ҳазор нафар шаҳрвандон ва 14 ҳазор субъектҳои соҳибкорӣ вохӯрда, суҳбат карданд. Дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳокимияти ичроия бинобар бартараф кардани мушкилоти муайяншуда корҳои низомнок ба роҳ монда шуданд.

Ба роҳ монда шудани мулоқот бо аҳолӣ бошад, дар навбати худ, ба фаъолияти эҷоди қонуни корпуси депутатҳо таъсири мусбат расонд. Агар дар тӯли соли 2016-ум бо ташаббуси депутатҳо ҷамъ 11 қонун ворид карда шуда бошад, дар соли 2017 ин нишондиҳанда 27 ададро ташкил кард. Ин ҷараёни мусбати пешрафт дар фаъолияти солҳои 2018-2019 ҳам равшан намоён гардид.

Дар тӯли се соли гузашта дар сохтори таркибии палатаи поёнӣ ҳам бо назардошти талаботи ислоҳот як қатор дигаргуниҳо ба амал оварда шуд. Аз ҷумла, дар назди Олий Маҷлис Институти мушкилоти қонунгузорӣ ва тадқиқотҳои парлумонӣ ташкил карда шуд. Аз ҷониби парлумон бо назардошти уфуқҳои зиёд доштани фаъолият оиди ислоҳсозии низоми нигаҳдории тандурустӣ ва мубориза бар зидди коррупсия дар Палатаи қонунгузорӣ Кумитаҳои масъалаҳои нигаҳдории тандурустии шаҳрвандон ва масъалаҳои мубориза бар зидди коррупсия ва суду ҳуқуқ ташкил карда шуд. Комиссия оид ба масъалаҳои оила ва занону духтарон, инчунин комиссияи масъалаҳои ҷавонон ташкил гардида, фаъолияти онҳо самарабахш ба роҳ монда шуд.

Дар боз як соҳаи фаъолияти палатаи поёнии парлумон, самти сиёсати ахбор дигаргуниҳои муҳим ба мушоҳида расид. Таъкид кардан ҷоиз аст, ки баромадҳои депутатҳо дар воситаҳои ахбори оммавӣ ба дараҷаи назаррас фаъол гардид. Тамоми депутатҳои Палатаи қонунгузорӣ дар Интернет ва шабакаҳои дигари ичтимоӣ саҳифаҳои шахсии худро кушода, дар бораи мазмуну моҳият ва аҳамияти ислоҳоти дар мамлакатамон татбиқшаванда ҷомеаро хабардор карда рафтанд. Дар муддати кӯтоҳ депутатҳо бо баромадҳои зиёди далерона ва кушоду равшанашон сазовори обрӯву эътибори ҷомеа гардиданд.

Ба ғайр аз ин, тачриба оиди аз ҷониби Олий Маҷлис тасдиқ гардидани номзадҳои аъзои Ҳукумат, ки Президенти мамлакатамон пеш гузоштааст, дар роҳи вусъат додани ваколатҳои назораткунии Олий Маҷлис боз як қадами муҳим гардид.

Таъкид кардан ҷоиз аст, ки парлумон ба иштирокчии фаъоли фаъолияти сиёсати хориҷии аз ҳифзи манфиатҳои миллии Ватанамон асосёфта табдил ёфт. Дар тӯли се соли охир Олий Маҷлис ба иттиҳодияҳои зиёди бонуфузи байнипарлумонӣ аъзо шуд. Иттиҳоди байнипарлумонӣ, Ассамблеяи байнипарлумонии мамлакатҳои аъзои ИДМ аз ҷумлаи онҳост. Аз соли 2017 сар карда, Ҷумҳурии Ӯзбекистон иштирокашро дар Ассамблеяи байнипарлумонии САҲА аз нав баркарор кард.

Бо як сухан ифода намоем, парлумони миллиамон бо саъю ҳаракат ва имкониятҳояш дар чорабиниҳои зиёди барои ҳаёти иқтисодиёти миллӣ ва ҷамъиятамон муҳим фаъол иштирок кард.

Ҳамин тариқ, дар назди Олий Маҷлиси навинтихобшуда оид ба боз ҳам тараққӣ додани Ӯзбекистон, нигоҳ доштани осоиштагии Ватан, баланд бардоштани некӯҳолии зиндагии халқ як қатор вазифаҳо қарор доранд. Дар ин бобат вазифаҳои устувори дар маърӯзаи Президент Шавкат Мирзиёев бахшида ба 27-умин солгарди қабули Конституцияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон муайяншуда ба назди парлумон масъулияти нав мегузорад.

Президентамон дар маърӯза алоҳида қайд намуд, ки сиёсати соҳаи ҳуқуқи давлат аз низомнокӣ, амиқ омӯхтани раванди ҳақиқие, ки дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, ичтимоӣ ба миён меоянд, асос гирад.

Роҳбари давлатамон таъкид намуд, ки қонунҳои қабулшудаистода ба ислоҳоти татбиқшаванда ҳамоҳанг бошад, кор ранги дигар мегирад. Аз ин рӯ, парлумонамон, пеш аз ҳама, палатаи поёнии он дар тӯли панҷ соли оянда эътиборашро ба ичрои ин вазифаҳо нигаронад, ба мақсад мувофиқ мебуд. Хусусан, тақозо мегардад, ки бинобар баланд бардоштани дониши ҳуқуқӣ ва маданияти шаҳрвандон, тамоми ҷамъият кори корпуси депутатҳо ба дараҷаи назаррас пурзӯр гардонда шавад.

Боварии комил дорем, ки Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки ба сифати органи ҳақиқии демократӣ ташаккул ёфта, манфиатҳои шаҳрвандонро ба воситаи намояндагони халқ интихобнамуда ифода менамояд, дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҷойгоҳи муносиб дорад, ба ислоҳоти бузург ва васеъмиқёси мамлакат ҷалб мегардад, дар оянда низ иштирокчии фаъол ва давомдиҳандаи роҳи нави сиёсии ба фаровонии ҳаёти халқ, гул-гулшукуфии Ватан — модар нигарондашуда ҳоҳад монд.

Қодир ҶӮРАЕВ,
депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон

Дар муассисаи таълимие, ки фаъолияти омӯзгориамро пеш мебарам, қувваи пешбар асосан ҷавононанд. Вазифаи асосии мактабу муаллим тайёр кардани шогирдони бо асосҳои илм ва дониши замонавӣ мусаллаҳ мебошад.

БОВАР МЕКУНОНЕМ ВА БОВАР ДОРЕМ

Ҷавонмуаллимҳои ҷамоаи мо дар ин ҷода бо саъйи комил кор карда ва дар таълиму тарбияи авлоди баркамол ба натиҷаҳои назаррас ноил мегарданд. Онҳо мутахассиси фанҳои гуногунанд ва услубҳои инноватсиониро дар фанҳои худ ҷорӣ месозанд. Воқеан, муаллим аз кадом фанне дарс надиҳад, бояд барои амиқ фаро гирифтани барномаҳои мобайлӣ ва компутерӣ ҳаракат намояд. Бе дониш ва малакаи инноватсионию виртуалӣ дарси замонавӣ гузарондан ва донишандӯзони рӯзро қонеъ сохтан мумкин нест.

Чанде пеш дар Тошканд бинои нави муассисаи таълимии ба номи алломаи бузург Муҳаммад ал-Хоразмӣ ба истифода супурда шуд. Аз тариқи телевизиони ҷумҳурӣ ба ин даргоҳи маърифат ташрифоварии Президенти мамлакатамон Шавкат Мирзиёевро мушоҳида кардем ва суханоне, ки роҳбари давлатамон дар ҳаққи мо — ҷавонон, изҳор кард, қалбамонро ба ваҷд овард. Тамоми корҳоямон, ислоҳотамон ба фардои Ӯзбекистон нигаронида шудааанд, гуфт вай, истиқболи фардоямон бошад, шумо — ҷавонон мебошед. Аён аст, ки шумо одамони босаводӣ, ба Ватан муносиб шудан мехоҳед. Мо барои ин тамоми шароитро фароҳам меорем, давом намуд Президентамон.

Барои ҳарҷониба комил ба воя расидан, аз дониш ва таҷрибаҳои фанни ҷаҳонӣ бархӯрдоршавии ҷавонон, зимнан, дар мамлакати рӯ ба тараққии мо кулли шароит ва имкониятҳо муҳайё карда шудааанд.

Роҳбари давлати мо ба ҷавононе, ки аз асосҳои иттилоот ва коммуникатсияҳо комилан бархурдоранд, бери тоза, иродаи мустаҳкам доранд, торафт меафзояд. Даврае, ки ба сар мебарем, ниҳоят мураккаб мебошад. Лозим аст ҳамеша ҳушёрӣ аз даст надиҳем, дар ҳар гуна вазъият ба қабул сохтани қарорҳои дуруст омода бошем, дар ҳар кор масъулияти том ҳис намоем.

Таҳти суханони Президентамон, ки мегӯяд «Мо Ӯзбекистони навро якҷо бо ҷавонон месозем» маъниҳои зиёд ниҳонанд. Мо, ҷавонон, бояд ба боварии сардори давлат сазовор бошем ва ба он боварии қатъӣ дорем, ки дар соли 2020-ум дар сиёсати давлатии ҷавонон воқеан ҳам соли тағйироти ҷиддӣ оғоз меёбад.

Санҷар ҲИСОМИДДИНОВ,
омӯзгори мактаби таълими умумии рақами 2-юми ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона.



Дар мамлакатамон корхонаҳои баландтехнологӣ зиёданд. Маҳсулоти чунин корхонаҳо дар бозори дохиливу хориҷӣ кам нест. Яке аз чунин корхонаҳо ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Green Line Profil» мебошад, ки дар минтақаи иқтисодии озоди «Навоӣ» фаъолият дорад. Дар корхонаи мазкур, ки 11,93 гектар майдонро дар бар дорад, истеҳсоли профили алюмин ва алюмин ба роҳ монда шудааст. Корхона соли 2018 ба кор шурӯъ карда буд. Бо ба кор даромадани он 650 ҷойи корӣ фароҳам оварда шуд. Соли сипаригардида дар корхона 18,6 ҳазор тонна маҳсулот омода гардид ва маҳсулоти арзишашон 10 миллион доллар содирот карда шуд. Аз соли нав ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот беш аз 22 ҳазор тоннаро ташкил хоҳад дод. Пешбинӣ шудааст, ки маҳсулоти арзишашон 14 миллион доллар содирот карда мешавад.

Дар сурат: *дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Green Line Profil».*

Аксбардор: А. АБДУЛЛОЕВ (ЎзА).

НАФҲИ ДИГАРГУНИҲОИ НИЗОМИ МУОМИЛОТИ ПУЛӢ

Тӯли се соли охир дар бисёр ҷабҳаҳои ичтимоию иқтисодӣ дигаргуниҳо ба амал омаданд. Дар бораи навгониҳо, ки ба манфиати халқ, таъмини муҳофизати ҳуқуқи шаҳрвандони мо созгоранд, бисёр ҳарф задан мумкин. Доири ислоҳоти муомилоти пулӣ ва конвертатсия низ, ки ба ҳалли мушкилоти мардум нигаронида шуда, вақтҳои охир самараи дилхоҳ мебахшанд, метавон бо мамнуният сухан ронд.

Чанд сол муқаддам баъзе амвол бо пули миллӣ не, танҳо бо доллари ИМА ба фурӯш бароварда мешуданд, ки ин пӯшида нест. Чун шаҳрванд ва истеъмолгари оддӣ борҳо шоҳид шудаам, ки ин масъала аҳолӣ, хусусан одамони оддиро чӣ гуна ба ҳоли ногувор мегузошт.

Ҷамъомади яке аз кумитаҳои Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис як андоза тезутунд сурат гирифт. Раиси кумитае аз муовини аввали роҳбари «Ӯзавтосаноат» суол кард «барои чӣ баъзе сабукравҳо бо доллар, баъзе бо сӯм фурӯхта мешаванд? Масалан, «Ласетти», ки ҷиматтар ва бахри хариди он имконияти моддии на ҳама созгор аст, бо сӯми миллӣ, «Нексия», ки нисбатан арзонтар ва талаб ба он бештар, бо валютаи хориҷӣ ба фурӯш бароварда мешавад?» Намояндаи масъули «Ӯзавтосаноат» суханро ба ҳар сӯ гардонд, ҷавоби аниқ надод. Раис сахттар пурсид: «Маоши аксарияти томи шаҳрвандони мо бо сӯм пардохта мешавад. Пас чаро ӯ автомобили ватанирo аз дохили кишвар бо доллар харид кунад?»

Баъди он «Бо кадом валюта ба фурӯш бароварда шудани автомобилҳоро мо не, «боло» муайян мекунад», изҳор намуд намояндаи идорае, ки ба саволҳо ҷавоб медод.

Дар воридгоҳи яке аз бонкҳои тиҷоратӣ шаҳрванде бо вакили бонк сурху сафед мешуд. Мегуфт: «Мошин хариданиам. Доллар даркор. Сӯми худро бо доллар иваз карданиам. Шумо мегӯед, дар мо ин гуна имконият нест». Намояндаи бонк «оҷизӣ»-и идораи худро тан мегирифт: «Шуморо фаҳмидам, лекин бонкҳои мо сӯми ҳар мошинхарро бо нархи давлатӣ ба доллар иваз карда наметавонанд».

Онҳое, ки ба баҳс гувоҳ буданд, ба мошинхар маслиҳат доданд «ин ҷо истоданат бефоида, доллар лозим бошад, ба «бозори сиёҳ» рав».

Ин гапи чанд сол пештара. Шохобчаҳое, ки валюта иваз менамуданд, аз фаъолият бозмонда ва танҳо дар ҳолатҳои заруртарин қисми муайяни сӯми шаҳрвандони мо бо асъор иваз карда мешуду халос. Азбаски байни курси давлатӣ ва «бозори сиёҳ» тафовут хеле баланд буд, одамони оддӣ аз хидматҳои давлатӣ ҳариф тамоман бебаҳра монда буданд. Корчаллон ва найрангбозҳо, айни замон, аз вазъият «устокорона» истифода бурда, байни баъзе ходимони сустимони бонк ва валютафурӯшҳои «бозори сиёҳ» миёнрав мешуданд. Шароити мураккаб ба қонуншиканиҳо роҳ мекушод. «Валютчик»-ҳо нуқтаҳои хариду фурӯши худро доштанд. Кас ҳайрон мемонд чӣ тавр онҳо дар рӯзи равшан, дар ҳузури ҳама аз қонун натарсида, ба амали мамнуъ даст мезананд. Назорат аз болои онҳо чаро сусту ҳолдонҳо мегуфтанд, назорат сусту нест. Гап сари он ки онҳо «одам»-и назоратчиҳоанд, ҳаҷ месупоранд. Одами бегона ин ҷо пулфурӯшӣ карда наметавонад.

Байни «валютчик»-ҳо, баробари ин, одамони «пок» ва «нопок» ёфт мешуданд. Ба «пок» вохӯрӣ, чӣ хуб: пулҳои дохили «пачка» бехато мебароянд. Ба нопок дучор ой-чӣ...? Ба муҳофизони қонун арз кардан – дасти худро баста додан...

Солҳои 2004-2005 кушода шудани шохобчаҳое, ки валюта иваз мекунанд, айни муддао гашт. Бо вуҷуди он ки мизоҷонро лозим меомад дурудароз навбатро интизорӣ кашанд, онҳо қонеъ аз он ки бо роҳи қонунӣ пули худро иваз карда метавонанд. Айни замон ҳаннотони пул ба ҳар восита обро лой карда ва моҳӣ доштан хоста, барои «бе навбат» пул иваз кардан, аниқтараш, асъори хориҷиро бо нархи давлатӣ харида, дар «бозори сиёҳ» бо нархи гарон фурӯхтан имкон меёфтанд. Баъдтар бинобар рӯйкороии мушкилоти иқтисодӣ, тафовути калон ҳис шудан байни курси давлатию «бозори сиёҳ» шохобчаҳо, тавре дар боло таъкид сохтем, дари худро бастанд. Ҷабрро бештар мардуми оддӣ кашид. Вақтҳое ҳам, ки мубориза ба муқобили ҳаннотони асъор авҷ гирифт ва онҳо нопайдо шуданд, шахсоне, ки ба доллар эҳтиёҷ доранд, ба мушкилии нав рӯбарӯ шуданд. Масалан, ичоранишинҳо, ки ҳаҷи ичораро бо сӯм не, бо доллар мепардохтанд: дар бозор «валютчик» нест, дар бонкҳо иваз кардани сӯм душвор, соҳиби хона бошад, доллар металабад...

Имрӯзҳо мушкилот дар ин самт пурра ҳаллу фасл шудааанд. Бинобар татбиқи амалии худ ёфтани ҳуҷҷатҳо дар масъалаи муомилоти пул ва конвертатсия ҳар як шаҳрванд дар бонкҳои тиҷоратӣ ва шохобчаҳои онҳо, ки сари ҳар қадам вомехӯранд, метавонад пули худро аз рӯи курсҳои ягонае, ки муқаррар шудааанд, иваз намояд. Чанд моҳ пештар мувофиқи қоидае, ки ҷорӣ гашт, шахсе, ки сӯмро бо доллар иваз карданист, ба бонки тиҷоратӣ бо ариза мурочиат месохт, аризааш омӯхта шуда, ба вай карточкаи махсус дода мешуд. Пули нақди ӯ боз мувофиқи аризааш ба карточкаи пластикиаш гузаронида ва ниҳоят аз карта ба карта сӯм дар шакли доллар мегузашт. Тавассути он карта мизоҷ аз шохобчаҳои ивазкунандаи асъор сӯми ба доллар бадалёфтаашро гирифта метавонист. Тавре мебинем, мизоҷ андаке сарсониҳо аз сар гузаронда ва вақт гум мекард. Ҳоло ба хотири осон шудани кори мизоҷ низоми нав ҷорӣ шуда, вай ҳоҳ бо пули нақд ва ҳоҳ бо карточкаи пластикӣ дар ҳар гуна шохобчае, ки ба ивази асъор машғуланд, сӯми худро иваз карда метавонад.

Масъалаи ба хориҷ бо чӣ қадар асъор баромадани мизоҷ низ ба нафъи ӯ гардид. Давраҳое буд, ки мардум дар киса асъори хориҷӣ дошта бошад, мисле ҷиноятҳо метарсид.

Дигар масъалаи ба карточкаи пластикӣ гузаронидани қисми муайяни музди меҳнат аҳолиро ба ташвиш намегузорад.

Чанд сол қабл маош асосан ба карточкаҳо гузаронида мешуд. Муаллимон ва тарбиятгарони муассисаҳои томактабӣ аснои музди меҳнат ҳатто рӯи пули нақдро надида монданд. Маҷбур мешуданд ба ходимони савдои кӯчагӣ сар ҳам карда, ба 15-20 фоизи зарарашон карточкаҳояшонро ба пули нақд иваз кунанд. Нафақагирҳо бошанд, дар даст карточкаҳои пластикӣ, роҳи ҳалли мушкилот наёфта ва бо он аз бозор чизе харида натавониста (хусусан дар шароити деҳот) саргум мемонданд.

Ҳоло бо қарори Президент дар якчанд ноҳияи дурдаст ва баландкӯҳ музди меҳнат пурра нақд пардохта мешавад. Нафақаҳо нақд ва дар вақташ дода мешаванд, ки ҳамаи ин далел ба рӯйкороии қулаиҳо дар қабул ва муомилоти пулист.

М. ШОДИЕВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Дар шароити кунунӣ хавфи таҳдиди ифротгарой ва терроризм саросари олам, аз ҷумла ҷомеаи кишварҳои Осиёи Марказиро низ хеле ба ташвиш гузоштааст. Ин нерӯҳо байни худ иттиҳод баста, дар ҳар ҷо-ҳар ҷо сар боло мекунанд ва бо амалҳои зишту қабеҳи худ боиси ҳалокати одамон ва нороҳатиҳои зиёди мардум мегарданд.

ҶИҲАТҲОИ ХОСИ МУБОРИЗА АЛАЙҲИ ИФРОТГАРОЙ ВА ТЕРРОРИЗМ

Дар айни ҳол барои кишварҳои Осиёи Марказӣ заррате пеш омадааст, ки ҳамкориҳои минтақавиро таҳвият диҳанд ва мубориза алайҳи ин иллатҳои ногуворро вусъат бахшанд. Дар ин замина ташаббусҳои сарвари давлатамон Шавкат Мирзиёев, маърӯзаҳо ва суханронихои ӯ аз минбарҳои баланд ва роҳандозии дидору мулоқотҳояш бо роҳбарони давлатҳои ҳамҷавор аз ҳамин ҷо маншаъ гирифтаанд.

Дар иттиҳоду ҳамбастагӣ мубориза бо ифротгарой ва терроризм ва пешгирии сариваҳтӣ аз зуҳури он дар ин ё он давлат ҳамеша натичаҳои мусбату босамар ба бор меоранд. Месазад, ки ҷавононро аз ҷалбу ҷазб шудан ба ин зуҳуроти ногувору фочиабор нигаҳ дошт, то ки қалбу мафкураи онҳо аз чирки ин падидаҳо осеб набинад.

Дар охири асри XX дар ҳаритаи дунё кишварҳои нав пайдо шуданд ва ба ҷомеаи ҷаҳонӣ пайвастанд. Ҳамчунин ин як давраи таърихист, ки бозгашти мардум ба арзишҳои динӣ ба миён омад. Хосатан, дар кишварамон баъди касби истиқлол муносибат нисбати мероси маънавию фарҳангӣ ва таърихӣ комилан ба ҷониби мусбат майл намуд.

Ба таври мисол, нуфузи дини мубини ислом, ки дар давраҳои гуногуни салтанати шӯравӣ мавриди таъқиб қарор мегирифт, дубора эҳё гардид.

Аммо ҳамон давра касе аз "ҳомиёни дини мубини ислом" аз кишварҳои хориҷӣ кумаке намекарданд, вале акнун онҳо барои "омӯзонидани дини пок" барои мардуми мо, хусусан ҷавонон "бо камоли майл саъй ва ҳаракат" мекунанд. Ин дар ҳолест, ки арзишҳои динии мо эҳё мегарданд. Ин ҷо саволе ба миён мееяд: шумо – "ҳомиёни дин" дар он давра кӯҷо будед?

Пӯшида нест, ки пешвоёну пайравони ин равияҳо амну осоиш, тараққиёту пешрафти кишварамонро намехоҳанд. Мақсади асосии онҳо ҷӯё тибқи таълимоти ислом роҳандозии корҳои давлат ва сиёсат аст, аммо дар асл зери он аз роҳи фитначӯй амалӣ сохтани вайронагариҳо, аз эътидол берун бароварданд вазъи солим мебошад.

Дар айни ҳол корҳои зиёди таблиғотиву ташвиқотӣ пиёда мешаванд, ки мардум аз кирдкор ва ҳадафҳои ифротгароёну террористон огоҳӣ дошта бошанд. Соли 2000-ум Барномаи давлатии "Таҳкими мубориза ба муқобили терроризм ва ифротгарой" қабул шуда буд. Худи ҳамон сол бар асоси он Қонун "Дар бораи мубориза алайҳи терроризм" ба тасвиб расид.

Дар чаҳорчӯби Созмони ҳамкории Шанҳай маркази минтақавии зиддитеррор таъсис ёфт, ки дар шаҳри Тошканд фаъолият мекунад.

Маърӯзаи Президент Шавкат Мирзиёев дар ичлосияи 72-юми Ассамблеяи генералии СММ рочеъ ба терроризм, манбаъ, пойгоҳ ва бартараф кардани фаъолияти он пешниҳодҳои ҳудро ироа намуд. Вай таъсиси "Маркази байналмилалии мубориза бо терроризм"-ро дар миён гузошт.

Дар ин сарзамин шахс бар асоси арзишҳои умуминсонӣ ва миллӣ тарбия ёфтааст. Дар ин мачро дин барои ривоҷи маънавияти инсон ҳамчун омили муҳим хизмат кардааст.

Роҳи мо муайяну равшан аст, дин рӯҳияти инсон ва қалби ӯро пок месозад. Тавре ки дар Қомуси асосиамон қайд шудааст, ҳар кӣ метавонад ба дини дилхоҳи худ эътиқод кунад ва ҳаҷ дорад, эътиқод накунад. Моро лозим аст, ки аз кору аъмоли ин ниқобдорон ҷомеаро ҳифз намоем, ба муқобили он ҷиддан мубориза барем, аз ҷалбу ҷазби ҷавонон ба сафи онҳо пешгирӣ кунем.

Бояд дарк намоем, ки Ӯзбекистон аз роҳи хоси худ пеш меравад. Кишварамон аз нигоҳи иқтисодиву ичтимоӣ ва фарҳангӣ рушду нумӯ мекунад. Муносибат нисбати дин дар мо беш аз пеш рушд менамояд, маърифати исломӣ ва ривоҷи он ҳамеша вусъат меёбад. "Дил ба ёру даст ба кор"-и бузургвор Баҳоваддини Нақшбанд шиори аҳли ислом мебошад. Мо арзишҳои миллиамонро ҳифз мекунем, бо замон якҷо қадам мегузорем.

Таҳти сиёсати хирадмандонаи сарвари давлатамон ба сӯи орзуву ормонҳо ва маърифати ҳақиқӣ гом бардоштаем ва албатта, ба мақсадҳои неку начиби худ хоҳем расид.

Ҳасанбой АБДУФАТТОЕВ,
муаллими Донишкадаи давлатии омӯзгории Кӯқанд.
Ҷумъабой СУЛАЙМОНОВ,
донишҷӯ.

МАҚСАДИ АСОСӢ – ТАРБИЯИ ҶАВОНОН ДАР РӮҲИ ВАТАНПАРВАРӢ

Имрӯзҳо, дар вилояти Самарқанд 1 мактаби техникии муттаҳида, 1 маркази намудҳои варзишии амалӣ ва техникии вилоятӣ, 19 клуби техникӣ-варзишии хонишии шӯрои вилоятӣ, 13 клуби шӯроҳои ноҳиявӣ ва 1 клуби шӯрои шаҳрӣ дар асоси ҷамоатӣ амал мекунанд.

Дар қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 12-уми декабри соли 2018 самтҳои асосии фаъолияти ташкилоти «Ватанпарвар»-и ёрирасони мудофиаи Ӯзбекистон нишон дода шудааст.

Бо мақсади дар рӯҳи ҳарбӣ-ватанпарварӣ, ахлоқиву маънавӣ тарбия намудани шаҳрвандон ва ҷавонон, ки яке аз вазифаҳои асосии ташкилот ба шумор меравад, зиёда аз 800 тадбири ҳарбии ватанпарварӣ, маънавӣ-маърифатӣ гузаронида шуда, дар онҳо зиёда аз 110 ҳазор нафар ҷавонон ва шаҳрвандон иштирок карданд. Аз ҷумла, дар доираи «Моҳонаи ватанпарварӣ» зери шиори «Ватан – муқаддас, ҳимояи он вазифаи пуршараф аст», ба муносибати «Рӯзи хотира ва қадршиносӣ» – «Ба ёд овардани аҷдод арзиши муқаддас аст», «Эътибор ва ғамхорӣ – вазифаи инсонӣ», «Автокорвони хотира» ва вохӯрии «Се авлод», дар арафаи иди истиқлол барои фарзандони хизматчиёни ҳарбӣ, ки аснои иҷрои вазифа ҳалок шудаанд, оилаҳои камбизоат, шаҳрвандоне, ки муддати ҷазоро адо мекунанд, ба ҷойҳои сазовори диққати шаҳр, «Мактаби Темурбекҳо» ва қисмҳои ҳарбӣ зери шиори «Мо Ватанпарваронем!» тадбирҳои маънавӣ-маърифатӣ, варзишӣ ва фарҳангӣ гузаронида шуданд.

Яке аз самтҳои асосии ташкилот таъмини рушд ва оммавигардонии намудҳои техникӣ ва амалии варзиш мебошад.

Ташкилот дар корҳои афзунсозиву оммавигардонӣ, тарғиби намудҳои техникӣ ва варзиш дар байни шаҳрвандон ва ҷавонони ноболиғ, гузаронидани мусобиқаҳои варзишӣ, таъмини иштироки варзишгарон дар мусобиқаҳои байналхалқӣ ҳиссаи муносиб мегузорад.

Имрӯзҳо аз ҷониби ташкилот намудҳои техникӣ ва амалии варзиш ба монанди картинг, автокросс, пойгаҳои ҳалқаи автомобилӣ, мотокросс, триатлон, дуатлон, чавандозӣ, биатлони тобистона, тирандозӣ, авиамодел, ракетамодел, киштимодел, радиоалоқа ва телеграф оммавӣ гардонида шудааст. Инчунин, оиди ривоҷдиҳии варзиши парашют (пуфаки ҳавоӣ) корҳои ташкилӣ бурда мешавад.

Дар сохтори шӯрои вилоят 28 маҳфили варзишӣ амал намуда, дар онҳо зиёда аз 700 варзишгарон шуғл меварзанд. Дар байни ҷавонон оиди намудҳои техникӣ ва амалии варзиш дар асоси нақша мусобиқаҳои вилоятӣ ва ноҳиявӣ (шаҳрӣ) гузаронида мешавад.

Дар шаҳри Самарқанд чемпионати чумҳурӣ доир ба автокросс, триатлон, авто ва киштимодел бо ҳамкории ҳокимияти вилоят дар сатҳи баланд гузаронида мешавад.

Дар натиҷаи ин сафи варзишгарони бомаҳорат афзуда, рақобат байни ҷамоаҳои миллӣ пурзӯр мешавад. Варзишгарон дар чемпионатҳои қитъа, ҷаҳон ва дигар мусобиқаҳои байналхалқӣ сазовори ҷойҳои ифтихорӣ мегарданд.

Дар 21 муассиса ва клуби варзишӣ-техникии хонишии ташкилот соле дар 466 гурӯҳи хонишӣ беш аз 9500 нафар ронандагони воситаҳои автонақлиёти тоифаи гуногун, радиотелеграфистҳо ва дигар мутахассисон тайёр карда мешаванд.

Ғайр аз ин, дар ҳамкорӣ бо шӯъбаи бехатарии ҳаракати роҳи Садорати корҳои дохилии вилоят дар муассисаҳои таълимии ташкилот зиёда аз 500 тадбири тарғиботии «Қоидаи роҳ – фоидаи умр», «Диққат, пиёдагард» гузаронида шуданд. Дар онҳо 70 ҳазор нафар ҷавонону хонандагон иштирок карданд.

Ташкилоти «Ватанпарвар» дар корҳои бобати тарбияи ҷавонони мамлакат ба рӯҳи ҳарбӣ-ватанпарварӣ ҳамаро ба фаъолӣ даъват менамояд. Чунки ватанпарвар будан яке аз арзишҳои олитарини халқи Ӯзбекистони бисёрмиллат аст.

Алишер ЭГАМБЕРДИЕВ,
раиси Шӯрои вилоятии ташкилоти ба мудофиаи Ӯзбекистон ёрирасони «Ватанпарвар».

Машъалони маориф

БА ДИЛИ ШОГИРДОН РОҲ ЁФТААСТ

Духтарчаам Шаҳнура ҳар рӯз аз мактаб хушҳол ба хона бармегардад. Аммо ҳамон рӯз табъаш аз ҳаррӯза болидатар буд. Ман дар як гӯшаи ҳавлӣ ба коре банд будам ва аз ғиҷирроси дарича дидам, ки вай бо хушҳолӣ вориди ҳавлӣ шуд. Аввал тозон ба назди модараш рафт, ки нонҳои гарми аз танӯр кандаашро ба сабад мечид.

Шаҳнура ҳадаҳа сумкаашро кушода, аз он рӯзномаашро берун кард.

– Ана, модарҷон, имрӯз боз дуто панҷ гирифтам, – аз хурсандӣ мегуфт ба модараш ӯ.

Ин манзараро дидаму корамро як сӯ гузошта, зуд ба назди завчааму духтарчаам шитофтам.

– Офарин, Шаҳнурачон! – ӯро ситоиш кардам ва ба модараш рӯй оварда гуфтам: – Ана дидӣ, духтарамон аълохони синф шудааст.

Инро гуфтаму аз пешонии духтарчаам нарм бӯсидам ва хостам ӯро бештар рӯҳбаланд кунаму хушҳолиашро афзоям. Чашмони Шаҳнура аз шодӣ дурахшиданд.

– Ҳамаи ин натиҷаи ҳаракатҳои муаллими синфашон Маъмурҷон Мирзоев аст. Мегӯянд, ки вай бо ҷидду ҷаҳд ба шогирдон дарс мегӯяд, – гуфт завчаам.

– Бале, Маъмурҷон беҳуда ин касбро интихоб накардааст. Аллакай солҳои мактабхонӣ соҳиби ин касб шуданро орзу мекард, – тасдиқ кардам ҳарфҳои завчаамро.

Аён буд, ки ин ҳарфҳои ману модараш дар қалби Шаҳнураи хурдакак ҳиссиёти ифтихорро бедор намуд. Вай хурсандона барои иваз кардани либосҳояш вориди хона шуд.

Дарвоқеъ, дар мактаби рақами 4-уми ноҳияи Сӯх теъдоди омӯзгороне, ки бо масъулият ба касбу кори худ машғуланд, хеле зиёданд. Маъмурҷон Мирзоев аз шу-

мори ҳамин гуна омӯзгорони мактаби деҳаамон аст. Вай беш аз бист сол инчониб ба ин кори пурзаҳмату бошараф машғул аст.

Ёд дорам, Маъмурҷон ҳамин мактабро, ки ҳоло дар он ҷо кор мекунад, бо шаҳодатномаи имтиёзнок хатм кардааст. Баъд ба омӯзишгоҳи омӯзгории Косонсойи вилояти Намангон рафта, ин дарсро низ бо дипломи имтиёзнок ба анҷом расондааст.

– Аввал маро шӯъбаи таълими халқи ноҳия ба мактаби рақами 2-юми деҳаи Янгиариқ ба кор таъин кард. Дар он ҷо ҳафт сол ба синфҳои ибтидоӣ дарс додам. Сонӣ ба мактаби рақами 4-уми деҳа ба кор гузаштам. Аз соли 2004 то ҳол ба фарзандони аҳли деҳ дарс медиҳам, – мегӯяд Маъмурҷон Мирзоев.

Президенти мамлакатамон Шавкат Мирзиёев сол аз сол барои боло рафтани нуфузи омӯзгорон шароити беҳтару мусоид муҳайё мекунад. Зиёд шудани маоши омӯзгорони мактабҳои таълимоти ҳамагонӣ аз ҳодисаҳои хурсандибахши се соли охир мебошад.

М. Мирзоев соҳиби чаҳор нафар фарзанд аст ва барои дар роҳи рост тарбия кардани онҳо низ донишу маҳорат ва таҷрибаи зиндагиашро сарф менамояд. Дар борои Маъмурҷон Мирзоев директори мактаби рақами 4-ум Мадаминҷон Усмонов, мудири қисми илмӣ Ойбек Давронов ва омӯзгорони мактаб Одилҷон Мирзобеков, Масъуд Сатторов, Додомелӣ Мелиев ва дигарон низ суханҳои хубу самимӣ изҳор карданд.

– Маълумоти Маъмурҷон миёнаи махсус аст, вале дар айни ҳол шогирдонаш аз донишомӯзони беҳтарин ва пешқадами мактабамон ба шумор мераванд. Зеро вай пайваста меомӯзад ва аз таҷрибаҳои пешқадам, технологияҳои замонавӣ фаровон истифода мебарад. Ҳоло талош дорад, ки соҳиби маълумоти олӣ шавад, – изҳор кард М. Усмонов.

Вақте пурсидам, ки аз рӯзномаҳо кадомаш ба дилу дидаи ӯ наздиканд, Маъмурҷон пеш аз ҳама номи "Овози тоҷик"-ро ба забон овард. Ба гуфтаи ин омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар саҳифаҳои рӯзномаи "Овози тоҷик" чоп шудани мақолаҳои методӣ, илмиву оммавӣ ва нақшаҳои кории омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ хеле ба мақсад мувофиқанд.

– Омӯзгорӣ пешаи хубу шарафнок аст. Он фанду фиреб ва найрангро намепазирад. Ҳар соати дарсро бояд аз рӯи виҷдон тадрис кард ва маошро ҳаққу ҳалол карда гирифт, – мегӯяд Маъмурҷон.

— Духтарчаам Шаҳнура мегӯяд, ки муаллимашон ҳамеша ба онҳо бо забони нарм ва меҳрубонӣ муомила мекунад, ҳаргиз тунд намегӯяд ва дар сурати ба миён омадани ягон хатогӣ сабукак ба онҳо танбеҳ медиҳад. Дар синфашон аълочиён низ хеле зиёд будаанд. Аз ин бармеояд, ки Маъмурҷон ба дили шогирдони худ роҳ ёфтааст, ҳамчунин бо самимият ва фазилатҳои некаш дар байни роҳбарияти мактаб, ҷамоаи омӯзгорон ва падару модарон сазовори эҳтиром гаштааст.

Эназарҷон ЭНАЗАРОВ,
деҳаи Сарикандаи ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона.

Ҳусну таровати Хӯҷамушкент



Зиёратгоҳи «Хӯҷамушкентота»-и ноҳияи Янгиободи вилояти Ҷиззах, баъди таъмиру тармим, ба маскани ободе табдил ёфт.

Ин маскан аз ҳисоби сайёҳони маҳаллию хориҷӣ доимо серодам аст. Номи аслии Хӯҷамушкент Хоҷа ибни Исҳоқ аст, дар баъзе манбаъҳо бо номи Мавлоно Абӯисҳоқ омадааст.

10 чашмаи зиёратгоҳ, ки 8 гектар майдонро дар бар мегирад оби ҳар кадом чашма тамъи ба худ хос ва хусусияти шифоӣ доранд. Номашон низ ба хусусияташон хос аст. Ниятбулоқ, Муродбулоқ, Иситмабулоқ, Қӯтурбулоқ ва ҳоказо. Дар зиёратгоҳ рӯйи қабри рамзии Хӯҷамушкент – Хӯҷа ибни Исҳоқ хонақоҳ барпо карда шудааст. Дар вурудгоҳ масҷид, фароғатгоҳ, чойхона ва меҳмонхона ба ҳусни маскани обод афзудааанд.

Дар акс: *дар зиёратгоҳи Хӯҷамушкент.*

Аксбардор: Ҷ. ЁРБЕКОВ (ҲзА).

Тандурустӣ

АЗ БУҚРОТУ СИНО ТО ИМРӮЗ

Дар «Пирӯзинома»-и Абӯалӣ Сино тандурустӣ ба ҷои аввал гузошта шуда ва дар он таъкид меёбад, агар саломатӣ барқарор аст, хотири ҷамъ ва тавонгарӣ даст медиҳад.

Бобои бузурги мо Сино чун энсиклопедист, яъне донандаи ҳамаи илмҳо дар ҷаҳон машҳур бошад ҳам, қабл аз ҳама ӯро ба сифати табиби бузург, ки тибби мардумиро ба дарачаи баланд баровард, мешиносем.

Дар ҳамаи давру замонҳо тибби халқӣ ё худ табобати мардумӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва рӯзгори мардуме, ки саломатӣ бароҳатӣ неъмати бебаҳост, мавқеи ба худ хос дошт. Имрӯз низ пояҳои он устуворӣ касб менамоянд. Дар амалиёти тиббию илмӣ усули фитотерапея, яъне табобат бо рустаниҳои шифобахш мавриди истифодаи доимист. Баробари дорухонаҳое, ки сари ҳар қадам дари худ боз кардаанд, «дорухонаҳои табиат» ва тибби мардумӣ таваҷҷӯҳи ниёзмандонро ба худ мекашанд.

Тибби халқӣ, зимнан, таърихи қадима дошта, фурӯғи он, гуфтан мумкин, ҳанӯз аз субҳи ҷамъияти инсонӣ ба дилҳое, ки бинобар беморию дард тираву торанд, равшанӣ мебахшид. Дар осори хаттии Юнон, Рум, Эрону Ҳинд, Тибет ва ҳамзамон Мовароуннаҳр – ватани аҷдодиамон дар ин бора маълумотҳо мавҷуд ва он маъхазҳо то мо омада расидааанд.

«Вандедат» ном боби махсуси «Авесто» ба тиб, гигиенаи саломатӣ, тарзи солими ҳаёт бахшида шудааст. Буқрот (Ҳипократ), ки аз табибони номвари Юнони қадим ба шумор мерафт, дар бораи 236 рустании шифобахш маълумот додааст.

Дар диёри бобоии мо, баробари дигар илмҳо, илми тиб низ тараққӣ карда ва ҳанӯз дар асрҳои миёна ба рушди тибби ҷаҳонӣ саҳми муносиб ҳамроҳ намуд. Беҳуда сухан аз муроҷиат бо Синои бузургвор оғоз накардем, ки ӯро барҳақ пири ҳакимони Машриқзамин меноманд.

Дар яке аз асарҳои донишманди рус А. Задорожний чунин сатрҳо ҳастанд: «Пеш аз 1000 сол муқаддам Абӯалӣ ибни Сино қонунҳои илми тиббро дар 5 ҷилд навиштааст, ки он ҷилдҳо ба бисёр забонҳои дунё тарҷума шуда ва дар асрҳои миёна китоби рӯимизии табибони араб ва Аврупо ба шумор мерафтанд».

Чӣ Буқрот ва Абӯалӣ Сино, чӣ табибони дигари мардумӣ дар муолиҷаи беморон аз усулҳои гуногун истифода мекарданд. Истифода аз рустаниҳои шифобахш, айни замон, дар амалиёти табибӣ чизи муҳим ба шумор мерафт. Вале омодасозии маводи шифоӣ аз рустаниҳо нозукиҳои ба худ хос дошта, онҳое, ки ба тибби мардумӣ сарукор доштанд, одамонро ба ҳушёрӣ ва эҳтиёткорӣ даъват менамуданд. Рустаниҳо баробари шифобахшӣ захрдор низ мебошанд, ба ҳар гуна муолиҷаи худсарона набояд роҳ гузошт. Умуман тибби халқӣ, тавре мутахассисони соҳа таъкид менамоянд, аз табиб дониши ҳаматарафа, мушоҳидакорӣ, зиракиву эҳтиёткорӣ, масъулият талаб менамояд.

Имрӯзҳо чун дар ҳамаи соҳаҳо ислоҳот дар низоми тиббиёт самараи дилхоҳ бахшида, шаҳрвандонамон аз шаклҳои гуногуни хидматҳои замонавии тиббӣ истифода бурда метавонанд.

Тибби халқӣ низ мавриди эътибор. Баробари духтурони касбӣ дар маҳалҳо табибони мардумӣ низ беморонро қабул ва муолиҷа мекунанд. Ин хуб аст, албатта.

Вале масъалаҳои марбут ба тибби халқӣ низ мавҷуд, ки касро ба андеша, ҳатто ба ташвишу ҳарос мегузоранд. Ба ҳамаи онҳое, ки худро табиб шиносонда ба муолиҷаи беморон машғуланд, бовар кардан мумкин? Ҳоли беморе, ки барои шифо ёфтан сарро ба ҳар санг мезанад ва молу маблағ дареғ надошта, ба ҳар талаб, дархост ва пешниҳоҷ розист, дар вазъи дучорӣ бо табиби сохта бадтар намешавад?

Духтур барои роҳ гузоштан ба хато ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, табиби мардумӣ-чӣ?

Муаммоҳо дар табобати мардумӣ, роҳи ҳалли онҳо ва чораҳо бахри мукаммалсозии низоми тибби халқӣ дар Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи чораҳо ба тартиб овардани соҳаи тибби халқӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон» аз 12 октябри соли 2018 мавриди баррасӣ қарор дода шуданд. Дар ҳуҷҷати мазкур, аз ҷумла, қайд карда мешавад, тибби халқӣ дар табобати беморихои вазнину мураккаб мақоми муҳим дошта, ба хидматҳои табибони халқӣ дар байни табақаҳои мухталифи аҳолӣ талабот зиёд мебошад, вале пойгоҳи меъёриву ҳуқуқӣ, ки тартиби хидматрасонии тибби мардумиро ба танзим меоварад, мавҷуд нест. Мушаххас набудани ҳуқуқ ва ӯҳдадории табибони халқӣ, татбиқ нашудани назорати давлатӣ нисбати сифат ва бехатарии табибони маҳаллӣ, таъин нашудани ҷавобгарӣ ба хатоӣ, ки муолиҷагарон роҳ мегузоранд, албатта, масъалаҳои дардноканд. Баробари ҳамин кафолати ҳифзи ҳуқуқи табибони мардумӣ аз дахолати беасос мавҷуд нест.

На ҳамаи онҳое, ки ба табобати мардумӣ машғуланд, аз рӯихат гузаронида шудаанд.

Аз таҷриба ва имкониятҳои мавҷудаи тибби халқӣ истифода бурда намешавад, барои корбасти самарабахшу бехатари усулу дастовардҳои тибби мардумӣ ба андозаи даркорӣ шароит фароҳам оварда нашудааст.

Акнун дар асоси қарори нав рухсатномадиҳӣ ба фаъолияти хидматрасонӣ бо усулҳои тибби мардумӣ дар тартибе, ки барои рухсатномадиҳӣ ба фаъолияти тиббӣ пешбинӣ шудааст, татбиқ мегардад. Фақат пешниҳоди ҳуҷҷат дар бораи маълумоти тиббӣ шарт нест.

Ворид гардидани мақоми «тибби халқӣ» ба номгӯи хелҳои ихтисоси табобатӣ, айни замон, мувофиқи матлаб ва акнун, бешубҳа, табибони мардумӣ барои соҳиб шудан ба ин гуна мақоми лаёқаташонро муайян кунанда ҳаракат менамоянд.

Боз як аҳамияти қарор аз он иборат аст, ки дар масъалаи пешгирӣ, ташхис ва табобати беморихо мувофиқи ин ҳуҷҷат тартиб ва механизми ҳамкории байниякдигарии табобати замонавӣ ва тибби халқӣ ба вуҷуд оварда мешавад.

М. ШОДИЕВ,
мухбири «Овози тоҷик».



Дар ноҳияи Узуни вилояти Сурхондарё роҳи равону пурвусъате, ки шоҳкӯчаи Ӯзбекистонро бо кӯчаи Баҳористон мепайвандад, ҳамчунин кӯпруке, ки дар болои Обизар бунёд гардидааст, ба истифода супурда шуданд.

Дар акс: *маросими кушодашавии шоҳкӯча.*

Аксбардор: Ҷ.ҚӮЗИМУРОДОВ (ҲзА).

БАҲС ДАР РӮЗИ ТАВАЛЛУД

(Ҳикояи воқеӣ)

Дирӯз дар хонаи мо мавлуд буд. Мавлуди падар! Падари омӯзгор, падари мушфиқ, ғамхор ва соябони сари фарзандон. Гӯё ин лаҳзаҳо боғи зиндагии падарам аз ҳарвақта дида беҳтару бештар боровар шуда буд. Ҳашт нафар фарзандони дилбанд. Келинҳову набераҳои дӯстрӯй дар гирди дастархони пур аз нозу неъмат саргарми сӯҳбат буданду аз дидори падар ва якдигар шоду масрур. Хандаву шӯхиҳои набераҳо гӯё ба базми мавлуди бобо оҳанг ва нағмаҳои ҷаззоб мебахшид, ки падарам аз онҳо лаҳза ба лаҳза рӯҳу илҳоми тоза мегирифтанд.

Банда чун ҳардафъаина риштаи суханро ба даст гирифта, хостам диққати ҳозиринро ба худ ҷалб созам. Аз ин рӯ, бо мадҳу ситоиши падар суханро оғоз намуда, ин байтҳоро бадоҳатан ба забон овардам:

Зиндагиро аз падар
омӯхтам,
Равшаниро аз қамар
омӯхтам.
Гиря аз борони найсони
баҳор,
Ханда аз субҳи саҳар омӯхтам.

Пас аз қироати ин байтҳо аз нигоҳҳои гарми падар қувва ва нерӯи тоза гирифтам, ки мурғи илҳомам ба хониш омад ва иноні сӯҳбатро ба даст гирифта, суханамро чунин идома бахшидам:

– Ман баракати зиндагиро аз умри босамар тайшуда ва рӯзгори обод медонам. Фарде, ки фидои пешаи худ бошад, ӯ соҳибэҳтиром, баобрӯ ва намунаи дигарон шуда метавонад. Охир гуфтааанд-ку:

Кӯш то халқро ба кор ой,
То ба хулқат ҷаҳон биорой.

Ба ин монанд дар сифати зиндагӣ чанд мисол оварда, пиёлаи чойи ба сӯям дарозшударо гирифта, хомӯш шудам.

Хоҳари калониам – Замира, ки муаллимаи фанни химиёст, аз хомӯшии ман истифода бурда, ҷилави суханро ба даст гирифт ва гуфт:

– Ман ба наздикӣ аз маҷаллае мутолиа намудам, ки яке аз фанҳои мушкилтарин дар мактаб фанни химиё будааст. Масалан гирем, – сухани худро давом дода гуфт ӯ, – барои муайян кардани секунҷа ё ягон фигураи геометрӣ аз рӯйи формула чен кардан мумкин аст. Аммо муайян кардани як стакан маҳлул дониш, малака ва заҳмати зиёдеро таҳозо дорад, ки танҳо мутахассиси соҳаи химиё аз ӯҳдаи ин кор баромада метавонад...

Падарам, ки суханони хоҳарамро бо диққат гӯш меандохтанд, ба фикри ӯ ҳамроҳ нагардида, чунин эрод гирифтанд:

– Не, инту нест! Ман ба ин фикри ту мутлаҳо розӣ шуда наметавонам. Зеро, ки фанни асоситарин дар мактаб ин фанни забони модарист. Чунки забони модарӣ барои ҳамаи фанҳо ва илмҳо нақши модарӣ дорад. Барои омӯхтан ё омӯзонидани ин ё он илму фан пеш аз ҳама забони модарӣ ва ё дониши забонӣ муҳимтар аст. Ман фикр мекунам, ки бе забони модарӣ ҳамаи илмҳо хор мешаванд:

Ҳар кас ба забони худ
сухандон гардад,
Омӯхтани сад забон осон
гардад.

Ба баҳси мо бародари калониам Фирӯз, ки ӯ ҳам мутахассиси соҳаи химиё мебошад, ҳамроҳ шуда фикри Замираро қувват бахшид:

– Забон ба гурӯҳи фанҳои гуманитарӣ дохил мешавад. Химиё бошад ба гурӯҳи фанҳои дақиқ. Ҳама вақт омӯхтан ва таълим додани фанҳои дақиқ душвор аст. Барои омӯхтани фанни химиё пеш аз ҳама шахс бояд илми риёзӣ (математика)-ро хуб донад. Аз тарафи дигар, аз фанни физика бояд бохабар бошад. Дар сурати бебаҳра будан аз ин илмҳо ман фикр мекунам, ки илми мазкур ба ӯ дастрас намегардад. Дуруст аст, ки фанни химиё яке аз фанҳои асосӣ ва аввалиндараҷа дар замони мо дониста мешавад, ки ягон соҳаи ҳаёту зиндагиамонро бе он тасаввур кардан ғайри имкон аст.

Хоҳари хурдиам Гулрухсор, ки муаллимаи фанни риёзӣ аст, ба сухани бародарам ҳамроҳ шуда гуфт:

– Математикаро шоҳи фанҳо мегӯянд! Ягон илми дақиқ бе математика арзи ҳастӣ карда наметавонад. Ҳамарӯза дар рӯзгору зиндагии мо ин фан даркор аст. Ҳатто дар фанни забони модарӣ «шумора» гуфтанӣ ҳиссаи нутқ мавҷуд, ки ба фанни математика алоқамандӣ дорад.

– Дуруст мегӯед, – гуфт бародари хурдиам Диловар. Вай аз рӯйи ихтисос биолог аст. – Аммо фаромӯш насозед, ки мояи асосии ҳаёти инсон фанни биология мебошад. Биология – ин ҳаёт, наботот, зиндагӣ ва зиндагонист!

Ӯ дар баҳри беканори ин фан ғаввос гардида, асоситарин фан будани биологияро исбот кардан мехост. Ҳатто аз мадди назари ӯ на тадқиқотҳои Чарлз Дарвину на китоби бузурги «Пайдоиши намудҳо» дур намонд. Инчунин, сафари панҷсолаву киштии «Биглӣ»-и ҷӯяндаи онро дар силсиламисолҳояш кор фармуда, ба аҳди худ устувор будан мехост. Агар завҷаи ӯ пиёлаи чойро ба сӯяш дароз намекард, боз худо медонист, ки чӣ қадар мисолҳо меоварду дар ин майдони баҳси илмҳо талош меварзид.

Баҳсу талошҳо дар мавзӯи беҳтарин ё авлотарин фан ва ё илм дар сари дастархони падар, дар канори қиблагоҳ, ҷараёни тоза дошт. Ҳар яке мехост ба дуруст будани фикраш садҳо далелу исбот биёрад. Аммо ...

Падар аз ин баҳсҳо шод шуда аз хурсандӣ курта-курта гӯшт мегирифт. Хурсанд аз он буд, ки заҳмати ин қадар сол кашидаи ӯ барабас нарафта, имрӯз дастпарварони боғи илму ирфони ӯ дар хидмати мардуманд.

– Ҳама гуфтаҳои шумо дар ин талошҳо қабуланд, – гуфтанд падарам ниҳоят ба баҳси мо ҳамроҳ гардида. – Аммо дониста бошед, ки барои омӯхтану омӯзонидани ҳамаи фанҳо забон нақши бузурге дорад. Агар ин ҷо забон намешуд, оё мо метавонистем, ки бо имову ишора фикри худро пурра баён созем. Албатта не! Пас, дониста бошед, ки забони модарӣ маҳаки асосии илму маърифати ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад...

Ин замон табаққои оши палав рӯйи дастархонро зеб доданд. Ман бошам боз ҷилави суханро ба даст гирифтаму ба табаққои ош ишора намуда чунин гуфтам:

– Бародару хоҳарони азиз! Дар омода шудани ин хӯроки болаззат ҳамаи илмҳо иштирок карданд ва заҳмат кашиданд. Танҳо моро зарур аст, ки ҳиммат баланд бардошта онҳоро омӯзему аз худ намоем.

Нишастагон ҳама аз ин хулосаи ман ба ваҷд омаданд. Падар нахустин даст ба ош бурд, сипас дигарон. Ин буд як рӯзи тавваллуди пурмаърифате дар як нишасти оилавии мо!

Илҳом ХИДИРОВ,
омӯзгори мактаби рақами 8-уми ноҳияи Сариосиё.

Вилояти СУРХОНДАРЁ.

Аз дафтари назм

Нормурод КАРИМЗОДА

БАРФИ АВВАЛ

Барфи аввал муждаи хурсандиҳост,
Зевари ҳусни нурафшони Ватан!
Дурри ғалтон ё худ эҳсони Худост,
Мояи сарсабзии боғу чаман.

Барфи аввал ҷомаи поки замин,
Реза-реза борад аз сақфи фалак.
Дашту саҳро ин қадар ҳам нозанин,
Аз фурӯғаш шодмон моҳу малак.

Барфи аввал мезанад табли нишот,
Дар ҳавои базмҳои дилнишин.
Дил ба ҷӯш ояд зи гулбонги ҳаёт,
Рӯҳу тан хушҳол аз барфи замин.

«Реза-реза барф меборад сафед»,
Аз шумо уммедворам як дуо.
Баҳраҳо аз рӯзгори нав баред,
Аз саховат, лутфу эҳсони Худо.

СОЛИ МУШ

«Соли муш» хирман пури гандум шавад,
Зиндагии хуш бари мардум шавад.

«Соли муш» гумкардаҳо пайдо шавад,
Шодию тӯю тамошоҳо шавад.

«Соли муш» чун хонаи муш доимо
Хонатон пур бошад аз дону ғизо.

«Соли муш» соли пур аз файзу барор,
Соли ҳосил бошаду ҳам кишту кор.

«Соли муш» соли парирӯён бувад,
Соли меҳру ваҳдату паймон бувад.

Ҳар кӣ шуд тавлид андар «Соли муш»,
Бо фаросат ояду бо ақлу ҳуш.

Духтар андар «Соли муш» зебо шавад,
Мақбул андар дидаву дилҳо шавад.

«Соли муш» гардад таваллуд гар писар,
Ҳофизи Қуръон шавад, ҳам пурҳунар.

Ҳоҳам андар «Соли муш», эй дӯстон.
Ӯзбекистонам шавад чун бӯстон.

Абдураҳмон СУЛАЙМОНӢ,
ноҳияи Самарқанд.

ТУҲФАИ СОЛИНАВӢ БА БАЧАҲО

Дар мавзеи «Юксалиш»-и шаҳри Намангон кӯдакистони нави замонавӣ ба истифода супурда шуд.

Ба корҳои сохтмон ва таҷҳизонидани муассисаи давлатии томактабии мазкур, ки дар 1,5 гектар майдон барпо гардидааст, 16 миллиард сӯм маблағ сарф шуд. Корҳои сохтмон аз ҷониби фирмаи хусусии бисёрсоҳаи «Оташ» ба сомон расонда шуданд. Муассисаи замонавӣ имкони дар бар гирифтани 385 нафар кӯдаконро дорад.

Дар акс: *кӯдакони хушбахти муассисаи таълими томактабии рақами 46, ки дар мавзеи «Юксалиш»-и шаҳри Намангон ба истифода дода шудааст.*

Аксбардор: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).

АКСИ САДО

МУРОҶИАТНОМАИ ГУРӮҲЕ АЗ АҲЛИ ЗИЁИ СӮХ БА МАРДУМИ НОҲИЯ

Ҳамдиёрони азизу арҷманд!

Омӯзгорон ва ходимони тибби ноҳияи Сӯх!

Равшанфикрону равшанзамирон!

Эй, ҳар сӯхие, ки забону миллати худро дӯст медорад!

Мо, як гурӯҳ собиқадорони меҳнат, омӯзгорон, духтурон ва кормандони идораҳои гуногуни ноҳия бо ташвиши ҷиддӣ ба шумо мурочиат мекунем. Дар ин рӯзҳои тақдирсоз "Овози тоҷик" ба як бунбасти ҷиддии молӣ рӯ ба рӯ шудааст. Яке аз сабабҳои асосии он кам шудани теъдоди обуначиҳо мебошад.

Соли 1924 ин рӯзнома таҳти сарварии устод Садриддин Айнӣ ва як гурӯҳ равшанфикрони давр дар шаҳри бостонии Самарқанд таъсис дода шуд. Баъдан нашрашро дар шаҳри Тошканд давом дод ва инак 95 сол боз ба сифати минбари ягонаи тоҷикони Ӯзбекистон ва берун аз он интишор меёбад.

Мо барои он бонг мезанем ва аз шумо ба "Овози тоҷик" обуна шавед гуфта даъват менамоем, ки он ҳастии миллати мо дар Ӯзбекистони соҳибистиқлол аст. Агар мо ин корро накунем, зери нангу номус мемонем. Биёед, ҳама аз як гиребон сар барорему рӯзномаро дастгирӣ кунем, яъне ба он обуна шавем. Дар байни мардуми мо сарватмандони баору номус ҳастанд, бигузор онҳо устодони худ, собиқадорони меҳнат ва шахсони камбизоати равшанфикрро ба рӯзнома обуна кунанд. Ин кори савоб аст!

Сониян, дар Сӯх аҳли қалам низ зиёданд, ки асарҳои назмиву насрӣ менависанд. Мо намедонем, ки чаро онҳо ба ҷойи пешсаф шудану дигаронро ба обунашавӣ даъват кардан суханҳои беҳуда мегӯянд.

Биёед, вақтро аз даст надиҳему сарҷамъона ба "Овози тоҷик" обуна шавем. Нангу ору номуси худро ҳимоя кунем.

Дар ин бора ҳайати таҳririяти «Овози тоҷик» низ мурочиатнома интишор кардааст («Нагузоред, ки рӯзномаи «Овози тоҷик» пӯшида шавад», «Овози тоҷик», 1.I. с.2020, № 1). Онро ҳам бояд дастгирӣ кунем.

Бо эҳтиром: **Камолиддин Азизов, Воҳидҷон Акрабов, Амонҷон Фармонов, Воҳидхон Камолов, Зоҳир Султонов, Субҳоналӣ Нишонов, Мирзоҷон Исоев, Авазҷон Назаркулов, Муродҷон Темиров, Саврор Эназаров, Равшанҷон Муъминҷонов, Расулбек Гадоев, Раҳимбердӣ Тошматов, Фарҳодҷон Чӯраев.**

АНДЕША ВА РОЗҲО

Гузашти умр

Пазмоншавист маро ба айёми ҷавонӣ, аммо он барнагардад чун ҷавонии табиат – гулафшони баҳор. Хушӣ, шӯру исёнҳои вай кучо шуданд?!

Баҳори умрамро беш аз пеш пазмон шавам, бо вучуди он ки такрор нашавад ва ман ёри сиҳиқадро дигар нахоҳам дид.

Диёре буд...

Диёре буд хушбоду ҳаво, нахлҳояш гулбасар, ҳавояш муаттар. Зеботар мегардид диёр аз ҳусну ҷамоли ёри шонздаҳсола. Он ҳам ҷавонӣ буд, ки то ҳол аз ёдаш дилам гум занад, таппишаш беш гардад.

Чӣ дидам?

Маро ҳам баҳори умр буд, акнун расидаам ба тирамоҳи он. Аз дидаҳоям чӣ хулоса бардоштам? Дар роҳи умр киро озор додам, киро дилбардорӣ кардам.

Умр даргузашт, инак, офтоби умр рӯ ба ғуруб мениҳад. Умр гӯиё буду набуд. Балки ба ҷойи он як рӯъё, хоб буд. Ҳай, дареғи умри инсон...

Ўктам ИБРОҲИМ.

Чоршанбеи ДЕҲНАВӢ

АНГЕЗИ ҶАРАСҲО

Бӯзинае одам шуд. Пасу пеш пӯшонд ва тавқ басту кулоҳ пӯшид. Сипас, ба минбар баромаду маъвои хеш рад намуд:

— Бӯзинагон ҳеч гоҳ одам нахоҳанд шуд!

***

Ахтарон ҳамеша дар сӯзанд. Гарчӣ сармои зимистонро суде нест. Худоё, худситоёна сӯхтанро маъно чӣ бошад?!

***

Дузде ҳаҷ рафт. Ҳини зиёрат тавалло намуд, ки ӯро дузд напиндоранд. Ибодаташ иҷобат гашт магар, ки ӯро Ҳоҷӣ номиданд.

***

Зан ғоза молида, рӯй биёрост. Шавҳар боз мармари шаффофро пеш гирифту гаҷ собидан гирифт...

***

Дарахтон сабзанду шукуфанду бор оранду боз хушканд. Монои одамизод. Надонам, ки кадоме аз кадомин нусха бардошта бошад.

***

Саҳронодидае тарбузе дошт ва онро хӯрду дар паллаҳояш туф кард. Чун ҳарорати тобистон афзуду аз об нишоне наёфт, аз ғояти ташнагӣ маҷбур шуд, ки косаҳои тарбузро ҷо-ҷо хояд. Бад-ин минвол косаҳои тарбузро батамом хӯрду ташнагӣ шикаст.

Сипас, фаҳмид, ки зиндагӣ чӣ зайлҳое дорад!

***

Ҷуғзро донотарини паррандагон номанд. Вале ӯро касе напарастад ва дар ҳар ҷое, ки таваккуф кунад, санг партоянд. Ба ҳоли донишмандон мегирям.

***

Ҳазрати Сулаймон мурду забони мурғон боз нофаҳмо гашт ва салтанати паррандагон фано ёфт. Мисли забони модарӣ бохтагон.

***

Наберачаам ситораи рахшонеро нишон дода гуфт, ки он аз они ӯст. Тасодуф карахтам кард. Зеро он ситораи як вақтҳо интихобнамудаи ман буд. Хаёлам маром бохт, ки он қабл аз ман ситораи кӣ буда бошад?

***

Аз ноодилиҳои муҳаббат домангирам. Ишқи сӯзони маъшуқаамро дар дили ман ҷо карду ёдашро аз дили умедворон набурд.

Ва ин дард рашк зоиду фарзанди нохалафвор аз гиребонам дошт.

***

Корвони роҳгумзадаеро вохӯрдам, ки уштуронаш лакоту савти ҷарасҳояш ғамангез буд. Захми деринаам харош хӯрд ва хостам пеши бозаш гираму ҷарасҳоро қадре аз нола бозорам. Аммо сорбон надошт.

Гумонам, ки он умри бе ману ту гузашта буд ва монои уштурони лоғар то ҳол дар суроғи сорбони хеш бесару сомон мегашту мегашту мегашт...

***

Орифе амри маъруф кард: «Набояд гуноҳ кард. Кардаро раҳоӣ нест. Гумон барӣ, ки дар ин дунё мурда халос шавӣ, дар он дунёи бемарг-чӣ?!»

Алҳазар! Аз гуноҳ гурез нест.

***

Мардеро писар ҳаёлӣ буд. Гум шуд. Суроғ накард. Иттифоқо, хараш аз чаро бе курра баргашт. То ҳол меҷӯяд. Қадри одамӣ ҳамин.

***

Аз тафаккур калиде сохтаму дари асрори олам кушодам. Дидам, ки бисоти он ҳама куфли бекалид аст.

***

Бадандешеро дидаму ба ақли одамӣ раҳмам омад. Пурсидам, ки ғуломи шайтон будани раҳмонро таъбир чист? Ақл оҳи сард кашиду гуфт: «Хишт мутеи қолаб бошад!»

***

Аз омадани баҳор набояд болид. Зеро баҳор бо шукӯҳ ояду бо хазон равад. Чу Даҷҷол ақлҳо рабуда!

***

Гоҳо аз суратам ҳасад мебарам. Ӯро мешиносанду маро не.

Дар ин чанд соли охир перомуни кушодани гузаргоҳи васлкунандаи "Қайтмас — Риштон"-и байни ноҳияҳои Сӯх ва Риштони вилояти Фарғона гуфтугӯҳои зиёд сурат гирифтанд. То анҷоми соли 2019 дар минтақаи водии Фарғона ба таъхир афтодани кушодани ин гузаргоҳи сарҳадиву гумрукӣ аз пурсадотарин мавзӯи расонаҳои мухталиф маҳсуб меёфт.

ГУЗАРГОҲИ «ГӮШТИ УШТУРХӮРДА»

ё чаро кушодашавии гузаргоҳи сарҳадии байни Сӯху Риштон тӯл мекашад?

Гузашта аз ин, мавзӯи мазкур дар меҳвари гуфтугӯҳои зиёди мақомоти идораҳои ҳукуматӣ низ қарор гирифт. Ба таври мисол, дар ҷараёни мулоқотҳо бо мақомоти раҳбарии идораҳо, кумитаҳо ва вазоратҳо, мунозираҳои пеш аз интихоботи пешвоёни ҳизбҳои сиёсӣ ин мавзӯъ чанд бор дар миён гузоштаву баррасӣ гардид.

Аксари масъалагузориву муҳокимаронӣ аз таҳриқи саволу ҷавоб сурат гирифтанд. Дар ҷараёни яке аз ин саволу ҷавобҳо масъалаи пайвастан ё канорагирии Ӯзбекистон аз Созмони иқтисодии АвруОсиё хеле васеъ муҳокима шуд, ки натиҷаи мусбат ё манфии он бевосита ба масъалаи кушода шудани гузаргоҳи "Қайтмас — Риштон" вобастагии қавӣ дорад.

Ҷонишини якуми вазири корҳои хориҷии кишварамон Илҳом Неъматов дар бораи он ки оё Ӯзбекистон ба ин созмони иқтисодӣ пайваст мешавад ё на, чунин гуфт:

– Мо перомуни ин масъала дар рӯзҳои наздик ба хулосаи ниҳоӣ ҳоҳем расид. Қарори мо пеш аз ҳама манфиатҳои Ӯзбекистонро мадди назар хоҳад дошт.

Аҳолии Ӯзбекистон соле ба 700 ҳазор нафар афзоиш меёбад. Ба ин далел, пӯшида нест, ки масъалаи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони кишварамон ба Русия ва Қазоқистон низ аз ин ҳисоб афзоиш хоҳад ёфт. Фароҳам овардани шароити созгору мувофиқ барои муҳоҷирони корӣ маҳз ба ширкати давлатҳо дар ин созмони иқтисодӣ вобаста мебошад.

– Бо дарназардошти ҳолатҳои мавҷуда пайваст шудани Ӯзбекистон ба ин созмони иқтисодӣ дар баробари он ки аз манфиатҳои мо дифоъ хоҳад кард, ҳамзамон якчанд мушкилоти дигарро низ ҳаллу фасл хоҳад намуд. Хулосаи ниҳоии Ӯзбекистон дар ояндаи наздик танҳо баъди дар тарозу баркашидани ҳамаи фоидаву зарари он эълон хоҳад шуд, – гуфт Илҳом Неъматов.

Дар ин миён мудири Маркази таҳқиқоти иқтисодӣ ва ислоҳоти назди дастгоҳи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, доктори илмҳои иқтисодӣ Обид Ҳакимов перомуни ин мавзӯъ назари хеш баён кард. Ба гуфтаи ӯ пайвастани Ӯзбекистон ба Созмони иқтисодии АвруОсиё метавонад монеаҳои зиёдро дар мавриди содироти маҳсулоти мамлакат коҳиш диҳад.

Пас, маълум мешавад, ки Ӯзбекистон аз пайвастан ба Созмони иқтисодии АвруОсиё ягон зарари ҷиддӣ намебинад. Ба ибораи дигар, узвият дар созмони мазкур барои фарох шудани бозори маҳсулоти содиротии кишварамон дари имкониятҳои бештарро мекушояд, ҳаҷми содироти маҳсулоти корхонаҳо меафзояд ва фаъолияти доираҳои соҳибкории ватанӣ боз бештар вусъат пайдо мекунад.

Акнун ба мавзӯе бармегардем, ки дар оғози ин гузориш ба он ишора кардем. Муштариёни азизи "Овози тоҷик" бохабаранд, ки 30 августи соли гузашта, новобаста аз он ки дар маросими кушодашавии гузаргоҳи "Қайтмас — Риштон" аз мақомоти расмии Ӯзбекистону Қирғизистон ширкат карданд, он баъди тантанаҳои бошукӯҳ, шодиву нишот ва рақсу бозии мардуми ду тараф ба таври ногаҳонӣ ба рӯи онҳо баста шуд. Дар ин бора ҳокими вилояти Фарғона Шуҳрат Ғаниев ва губернатори вилояти Боткент Акрам Мадумаров ягон муносибат нишон надоданд.

Гуфтан мумкин аст, ки ҳодисаи ба ин монанд дар таъриҳи ду кишвар воқеаи беназир мебошад. Маросими хурсандиву шодии "Қайтмас — Риштон" шабеҳи худро дар гузаргоҳи марзиву гумрукии "Тӯл — Оқ турпоқ"-и ноҳияҳои Сӯху Қадамҷо низ дошт. Он ҷо низ бо ширкати беш аз панҷ ҳазор мардуми ноҳияи Сӯх ва сокинони якчанд деҳаи вилояти Боткент чунин маросим ба вуқӯъ пайваст ва шлагбаумҳо барои чанд соат бардошта шуданд.

Аммо баъди тахминан ду соат ба иштирокчиёни ин маросимҳо аён гашт, ки дар як саҳнаи назарфиреби ширкат кардаанд.

– Баъди шунидани хабар оиди дар ояндаи наздик ба узвияти Созмони иқтисодии АвруОсиё пайвастани Ӯзбекистон дар дили мо дубора шуълаи умед фурӯзон гашт. Тавре ки аз баромадҳои шахсони расмии кишварамон маълум шуд, ин созмон дар бартараф гардидани монеаҳои зиёд, осон шудани равуо, тавсеаи ҳамкориҳо ва густариши тиҷорати байни кишварҳои аъзои Созмони иқтисодии АвруОсиё хеле мусоидат менамояд, – мегӯяд сокини деҳаи Чашмаи ноҳияи Сӯх Камолиддин Азизов.

– Ба ақидаи баъзеҳо дар сурати ба Созмони иқтисодии АвруОсиё ворид шудани Ӯзбекистон қисме аз истиқлолиятамонро аз даст медиҳем. Аммо Ӯзбекистон ба ин созмон баҳри ҳимояи манфиатҳояш ва беҳбуди ҳамкориҳо пайваст мешавад. Ба ҳар гуна сару садоҳо нуқта гузоштани ҷонишини якуми вазири корҳои хориҷии Ӯзбекистон Илҳом Неъматовро дар як мулоқоти мустақими телевизионӣ шунида хушҳол шудам. Чунки робитаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии мо бо қазоқҳо, қирғизҳо, тоҷикҳо, русҳо ва белорусҳо беш аз пеш хуб шуда истодааст. Барои ҳамин ман ба чунин ақидаҳо розӣ нестам, ки Ӯзбекистон дубора ба Русия ё ягон кишвари узви ин созмон мутеъ мегардад. Ҳамаи мамлакатҳо дар он баробарҳуқуқанд. Наздики сӣ сол мешавад, ки кишвари мо истиқлолияти худро эълон кардааст ва мутеъ шудани онро аз даст додан як ҳолати комилан имконнопазир мебошад, — мегӯяд иқтисодшиноси собиқадор Гуландом Соҳибназарова.

Ногуфта намонад, ки байни Ӯзбекистон ва Тоҷикистон танҳо дар се соли охир робитаҳои дӯстиву ҳамкорӣ мустаҳкам мешаванд. Бо иродаи сарвaрони Ӯзбекистону Тоҷикистон 18 гузаргоҳи миёни ин ду кишвари ҳамҷавор кушода шуданд.

Хулосаҳо ҳаминро нишон медиҳанд, ки агар ҷонибҳо ба тавофуқ расанд, масъалаву муаммое нест, ки ҳаллу фасл нашаванд.

Мирасрор АҲРОРОВ,
хабарнигори "Овози тоҷик" дар вилояти Фарғона.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.

Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-135. Адади нашр 836, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.

ISSN 2010-7757

1 2 3 4 6

Ҳисоби сурати мо дар бонк: Х/С 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: А. Субҳонов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 22.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.